**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Иматова Манижа Қудратовна дар мавзуи «Таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқу баррасии мавзуи таҳқиқотии мазкур масъалаи басо муҳим ва саривақтӣ буда, барои коркард ва ба роҳ мондани ҳуҷҷатнигориҳои расмиву коргузорӣ кумаки назаррас хоҳад кард.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ, навоварии илмӣ ва дараҷаи омӯзиши он асоснок гардида, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия, ҳамчунин объекти таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян шудаанд.

Навгонии кори илмии мазкур дар он зоҳир мегардад, ки маротибаи аввал масъалаҳои назариявӣ ва амалии марбут ба хусусияти забонии дискурси сиёсӣ дар забони тоҷикӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гиифтааст.

Саҳми шахсии муҳаққиқ аз он иборат аст, ки аз ҷониби ӯ хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи муқоиса ва тарҷума бори аввал мавриди таҳқиқу баррасии махсус қарор гирифтааст.

Кори таҳқиқотии мавриди тақриз аз 3 боб ва зербобҳо иборат аст. Ҳар як боб илман дақиқ номгузорӣ карда шуда, зербобҳои он фарогири масъалаҳои дахлдори мавзуъ мебошанд. Зербоби якуми боби аввал «Ташаккули назарияи дискурс дарзабоншиносии Ғарб» унвон гирифта, дар он доир ба истилоҳи дискурс маълумоти назарявӣ баррасӣ ва таҳлил мегардад. Зербоби дуюм «Шаклгирии дискурс дар забоншиносии рус» ном дошта, ба таҳлили омилҳои шаклгирии дискурс дар забоншиносии рус ва инкишофи он бахшида шудааст. Зербоби сеюми боби якум «Нақш ва мақоми мафҳуми дискурс дар илми забоншиносии тоҷикӣ» ном гирифтааст ва дар он роҷеъ ба ҳамин масъала маълумот дода шудааст. Зербоби чоруми боби якум таҳти унвони «Роҷеъ ба баъзе вежагиҳои забонии дискурси сиёсӣ» буда, ба

таҳлили як қатор вежагиҳои забонии дискурси сиёсӣ дар умум бахшида шудааст.

Зербоби якуми боби дуюм «Роҷеъ ба масъалаҳои луғавии тарҷума» номгузорӣ шуда, ба таҳқиқи таҳвилҳои луғавӣ дар раванди тарҷума бахшида шудааст. Зербоби дуюми боби дуюм «Таҳлили сохторӣ ва маъноии воҳидҳои фразеологии дискурси сиёсии забони тоҷикӣ ва ҳусни тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ» унвон гирифта, хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии воҳидҳои фразеологии хоси дискурси сиёсӣ ва тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Зербоби сеюми боби дуюм «Хусусияти корбурди истилоҳот дар дискурси сиёсии тоҷикӣ ва тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ» унвон гирифтааст ва дар он фикру андешаҳои олимони соҳа барои возеҳтар гаштани мафҳуми истилоҳот пешниҳод гардида, истилоҳҳое таҳлил ва баррасӣ шудаанд, ки дар дискурси сиёсӣ фаровон истифода мегарданд. Зербоби чоруми боби дуюм «Хусусияти корбурди калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои сиёсии марбут ба созмонҳо, стратегияҳо ва иқдомҳои сиёсӣ дар дискурси сиёсии тоҷикӣ ва тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ» унвон гирифта, дар он вожаҳои ифодакунандаи номи созмонҳо, стратегияҳо ва иқдомҳои сиёсӣ баррасӣ шудаанд. Зербоби панҷуми боби дуюм «Хусусияти корбурди ибораҳои устувор дар дискурси сиёсии тоҷикӣ ва тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ» ном гирифта, баррасии ибораҳои устувори ДС дар заминаи мисолҳои ҷамъовардашуда аз рӯи сохтор ва мансубияти калимаҳои калидии онҳо ба ҳиссаҳои нутқ сурат гирифтааст. Дар зербоби шашуми боби дуюм таҳти унвони «Хусусияти корбурди калимаҳои ифодакунандаи маҷоз дар дискурси сиёсии тоҷикӣ ва тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ» воҳидҳои забоние баррасӣ шудаанд, ки маъниро ба таври маҷозӣ ифода менамоянд.

Зербоби якуми боби сеюм «Хусусияти корбурди мухотаб дар дискурси сиёсии тоҷикӣ ва тарҷумаи он ба забони англисӣ» ном дорад ва ба таҳлили мухотаб бахшида шудааст. Зербоби дуюми боби сеюм «Хусусияти корбурди воҳидҳои туфайлии забон дар дискурси сиёсии тоҷикӣ ва тарҷумаи онҳо ба

забони англисӣ» номгузорӣ шуда, дар он мисолҳо чунин гуруҳбандӣ ва таҳлил шудаанд. 1) калимаҳои туфайлӣ; 2) ибораҳои туфайлӣ 3) ҷумлаҳои туфайлӣ. Зербоби сеюми боби сеюм таҳти унвони «Хусусияти корбурди ҷонишинҳои шахсӣ ва сифат дар дискурси сиёсии тоҷикӣ ва тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ» ба таҳлили ҷоинишҳои шахсӣ ва сифат бахшида шудааст.

Дар қисмати хулоса муҳаққиқ маълумотҳоро оид ба пажӯҳиши дискурс дар забоншиносӣ пешниҳод намуда, воҳидҳои забоние, ки ба хусусиятҳои лексикӣ ва грамматикӣ дохил мешаванд, мавриди таҳлили сохторӣ ва маъноӣ қарор дода шудаанд. Инчунин, роҳҳои тарҷумаи онҳо аз забони тоҷикӣ базабони англисӣ муайян гардидаанд.

Автореферати мазкур илман дақиқу возеҳ ва комил таълиф гардидааст, аммо ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, дар он баъзе камбудиҳои ҷузъӣ вуҷуд доранд. Аз ҷумла:

1. Тарҷумаи англисии номи мавзуи таҳқиқотӣ тибқи қоидаҳои забони англисӣ бояд бо ҳарфҳои калон навишта шаванд.
2. Автореферат аз хатогиҳои илмоӣ ва техникӣ холӣ нест.

Норасоиҳои номбурда ҷузъӣ буда, онҳо ислоҳпазиранд. Бо вуҷуди камбудиҳои ҷойдошта, бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки кори таҳқиқотии мазкур илман дақиқ, саҳеҳ ва ҷолиб буда, муаллифи онро дар сатҳи баланди илмӣ таълиф намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқотро муаллиф дар ҳаҷми 9 мақола дар маҷаллаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври фишурда ва дақиқ ба нашр расонидааст.

Бояд қайд кард, ки автореферати диссертатсияи Иматова Манижа Қудратовна дар мавзуи «Таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муҳаққиқ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори

фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илми филология
дотсенти кафедраи "Забонҳо ва фанҳои гуманитари"-и филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотӣ технологии "МИСИС" дар шаҳри Душанбе

**Абдуллоева Заррина Фатуллоевна**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе
734042, к. Назаршоев М.- 7
Телефон: 901400040
Email: zarrina.abdulloeva@mail.ru

"Имзои дотсент Абдуллоева З.Ф. –ро тасдиқ менамоям"
Сардори шӯъбаи кадрҳои филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотӣ технологии "МИСиС" дар шаҳри Душанбе

**Зарипова Малика Аҳроровна**

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

19.09.23